# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ш. Душанбе, соли 2026**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12.Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 1 апрели соли 2022, №95/шд ва 25 октябри соли 2024 №407 ш/д ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» яке аз масъалаҳои мубрами илми криминалистика ба шумор меравад, ки ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалии ҳуқуқтатбиқнамоӣ дорои аҳаммияти бузург мебошад. Дар замони муосир нақлиёт на танҳо воситаи ҳаракат, балки яке аз унсурҳои муҳимми инфрасохтори миллӣ, иқтисодиёт ва амнияти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Бо суръати афзояндаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, зиёдшавии шумораи воситаҳои нақлиёт, вусъати шабакаи роҳҳо ва тавсияи имкониятҳои техникии истифодабарии онҳо, масъалаи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи истифодаи нақлиёт аҳаммияти фавқулода пайдо

намудааст.

Таҳлили воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки дар баробари рушди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, зиёдшавии шумораи воситаҳои нақлиёт афзоиши намудҳои нави ҷиноятҳои вобаста ба онҳо дида мешавад. Яке аз онҳо – вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Гарчанде ки чунин кирдор аз рӯйи дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ сабуктар аз дигар ҷиноятҳо ба назар мерасад, аммо оқибатҳои он метавонанд вазнин ва фарогир бошанд. Чунин кирдорҳо на танҳо ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандонро поймол мекунанд, балки боиси халалдор гардидани тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҳаракат дар роҳ ва ҳатто боиси фоҷиаҳои инсонӣ мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он истифодаи нақлиёт нақши калидӣ дар иқтисод, тиҷорат, амният ва иртиботи иҷтимоӣ дорад, чунин ҷиноятҳо таъсири манфии амиқ мегузоранд. Аз як тараф, онҳо ба рушди муътадили муносибатҳои оммавӣ халал мерасонанд, аз ҷониби дигар, ба ҳисси боварии шаҳрвандон ба ҳимояи ҳаёт ва саломатиашон ва фаъолияти муассирии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар ҳамин замина, моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Бо вуҷуди ин, амалияи татбиқи он нишон медиҳад, ки дар шарҳи мазмун, ҳудуд ва аломатҳои таркибии ҷинояти мазкур як қатор ихтилофоти назариявӣ ва амалӣ дар тафтиш ва ошкор кардани ин ҷиноятҳо вуҷуд доранд. Аз ҷумла, тавсифи криминалистии ин ҷиноятҳо, муайян намудани тартиби вайроншавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, арзёбии дараҷаи зарар, инчунин муайянсозии ҳолатҳое, ки барои тафтиш ва ошкор кардани ин ҷиноятҳо заруранд, дар амалияи судӣ бо мушкилиҳои ҷиддӣ дучор мешаванд.

Бо дарназардошти сатҳи афзояндаи нақлиёт, тағйироти технологияҳои муосир, ҳамчунин афзоиши ҳолатҳои вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, зарурати таҳқиқи илмию амалии ин масъала боз ҳам бештар эҳсос мегардад. Набудани фаҳмиши ягона дар маънидодсозии баъзе аз аломатҳои таркибии криминалистии ин ҷиноятҳо метавонад боиси нодуруст тафтиш шудани ин категорияи парвандаҳои ҷиноятӣ гардад.

Ҳамин тариқ, мубрамияти мавзуъ аз он иборат аст, ки: масъалаи таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар шароити имрӯза бо афзоиши сатҳи ҳаракат ва техникаҳои муосир дар ҷомеа робитаи мустақим дорад; он ба ҳифзи тартиботи ҷамъият, ҳуқуқуқҳои шахсии ғайримолулмулкии шаҳрвандон, амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ таъсири мустақим мерасонад; дар амалияи ҳуқуқӣ ихтилофоти назариявӣ ва амалӣ дар таъриф ва татбиқи меъёрҳои марбут ба моддаи 212 КҶ ҶТ ҳамчунин тафтиши холисонаи ин ҷиноятҳо боқӣ мемонанд;

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ дорад, балки барои такмил додани фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ, баланд бардоштани сатҳи тафтишот ва адолати судӣ, инчунин таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии илмии таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки дар доираи он бори аввал дар илм ва амалияи криминалистикаи кишвар масъалаи таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аз дидгоҳи назариявӣ, тафтишот, қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ба таври ҳамаҷониба ва мукаммал таҳқиқ

шудааст.

Дар ин диссертатсия барои нахустин маротиба тартиби ба роҳ мондани тафтиши ин ҷиноятҳо сурат гирифта, бо истинод ба хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии он асоснок карда мешавад, ки усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аз рӯйи моҳият ва табиати ҳуқуқӣ ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ мансуб аст, на ин ки ба ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ. Ин мавқеи илмӣ имкон медиҳад, ки табиати воқеии ин кирдор аз дидгоҳи ҳифзи ҳуқуқи моликият ва арзёбии сатҳи хавфнокии иҷтимоии он аниқтар муайян гардад.

Дуюм, навоварии муҳим дар он аст, ки таҳқиқи назариявии тафтиши ин ҷиноятҳо ва амалияи он дар шакли таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ таҳлил гардидааст. Агар то имрӯз дар адабиёти ҳуқуқии миллӣ чунин таҳқиқоти мустақил вуҷуд надошта бошад, ин асар бо истифода аз таҳлили муфассали назария, таҷрибаи судӣ ва қонунгузории муқоисавӣ ин холигиро пур мекунад.

Сеюм, дар ин таҳқиқот нахустин бор низоми илмӣ-асосноки амалҳои аввалин ва минбаъдаи тафтишӣ, тартиби истифодаи донишҳои махсус таҳия гардида, робитаи мантиқӣ ва ҳуқуқии онҳо бо дигар унсурҳои таркибии тафтишӣ, аз ҷумла муайян кардани айби гумонбаршуда, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки баъзе унсурҳои мавҷуда дар амалияи тафтишотӣ ба таври ягона фаҳмида намешаванд ва пешниҳодҳои нав оид ба такмили амалияи тафтишӣ вобаста ба тафтиши ин категорияи ҷиноятҳо, бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ пешниҳод мегарданд.

Чаҳорум, навоварии дигари илмӣ дар таҳияи пешниҳодҳои амалии ҳуқуқӣ ифода меёбад, ки онҳо ба такмил додани тафтиши ин ҷиноятҳо равона шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот аз натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои тафтишӣ вобаста ба вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бармеояд. Ин рисола яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммалу системавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, масъалаи мазкурро аз дидгоҳи назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалияи тафтишӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Таҳқиқот бар заминаи омӯзиши амиқи қонунгузории миллӣ ва муқоисаи он бо амалияти тафтишӣ ва судӣ анҷом дода шудааст. Ин муқоиса имконият фароҳам овард, ки нуқсонҳо ва афзалиятҳои модели миллии тафтишот ошкор гардида, пешниҳодҳои илмӣ барои такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таҳия шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз истифодаи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносӣ, аз қабили таҳлили мантиқӣ, муқоисавӣ, системавӣ-сохторӣ ва таърихӣ, таъмин мегардад. Дар ҷараёни кор манбаъҳои гуногун – қонунгузории амалкунанда, адабиёти илмии миллӣ ва хориҷӣ, маводи таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ ва маълумотҳои оморӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки ин ба устувории асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқот мусоидат намуд.

Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили амиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёрии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба даст омадаанд. Барои таҳкими эътимоднокӣ, маводи воқеии парвандаҳои ҷиноятӣ, амалияи тафтишотӣ, таҷрибаи судӣ ва маълумотҳои оморӣ низ истифода шудаанд.

Дар маҷмуъ, рисола дорои пояи устувори назариявӣ ва таҷрибавӣ

буда, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо далелҳои воқеӣ, таҳлили илмӣ ва асоси ҳуқуқӣ тасдиқ мегарданд. Ин омилҳо эътимоднокии илмӣ ва амалӣ будани натиҷаҳои таҳқиқотро пурра таъмин менамоянд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсия ба рушди минбаъдаи илми криминалистика мусоидат менамоянд. Дар таҳқиқот масъалаи тафтиши вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал аз дидгоҳи назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалия таҳлил шудааст. Хулосаҳои илмӣ имкон медиҳанд, ки фаҳмиши ягонаи табиати ҳуқуқии ин ҷиноят ташаккул ёбад ва мавқеи он дар низоми ҷиноятҳо вобаста ба вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо дақиқ гардад.

Аҳаммияти амалӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот метавонанд: дар соҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун асос барои таҳияи минбаъдаи назарияи тафтишон истифода шаванд; дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоӣ ҳангоми таҳияи тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятии амалкунанда ба кор бурда шаванд; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ барои яксон сохтани амалияи тафтишӣ ва судӣ нисбат ба чунин ҷиноятҳо истифода гарданд; дар таълим, ҳангоми дарсҳои фанни криминалистика ва курсҳои махсус ҳамчун маводи ёрирасон истифода шаванд.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, татбиқи дурусти тавсияҳои таҳқиқот метавонад ба кам гардидани сатҳи ҷиноятҳои вобаста ба воситаҳои нақлиёт мусоидат намуда, аз зарари молиявии шаҳрвандон ва ширкатҳои нақлиётӣ ҷилавгирӣ намояд. Ин, дар навбати худ, ба баланд бардоштани эътимод ба тафтишот ва низоми адолати судӣ таъсири мусбат мерасонад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, натиҷаҳои таҳқиқот барои таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва таҳкими эҳсоси ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон муҳим мебошанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ба паст шудани сатҳи ҷинояткорӣ,

таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намоянд. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар низоми таълимӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ метавонад ба ташаккули муносибати эҳтиромона нисбат ба қонун ва моликият дар ҷомеа мусоидат кунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 6 мақолаи илмӣ ба табъ расонида шудаанд, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима зарурати интихоби мавзуъ бо такя ба аҳаммияти назариявӣ ва амалии он асоснок карда мешавад. Дар ин қисм масъалаҳо ва мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ ва таркиби ҷинояти м.212 КҶ ҶТ вуҷуд доранд, возеҳ нишон дода шудаанд.

Ғайр аз ин, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва

предмети омӯзиш, навовариҳои илмии бадастомада ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври дақиқ муайян ва тавзеҳ дода шудаанд, ки ин ҳама самти асосӣ ва арзиши илмии кори диссертатсиониро муайян месозанд.

**Дар боби якум «Тавсифи криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»**, ки аз се зербоб иборат мебошад, масъалаҳои зерин баррасӣ ва мавриди омузиш қарор дода шудааст: таҳқиқи умуминазариявӣ-криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, тавсифи криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ҳолатҳое, ки дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бояд исбот карда шаванд.

Аз ҷумла муаллиф дар боби мазкур қайд менамояд, ки заминаи ҳуқуқии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ ва моликияти шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои дигари қонунии онҳо, инчунин ҳифзи манфиатҳои ҷамъият ва давлат тавассути пешгирии садамаҳои нақлиёти ва кам кардани шиддати оқибатҳои онҳо мебошад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» муқаррар карда шудааст.

Аз ҳама ҷиноятҳое, ки дар ҷамъият зиёд содир мешаванд ва манбаи хатари калон дошта ҳисоб мешаванд, ин ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ мебошанд. Масалан, дар нимсолаи аввали соли 2024 – 1863 ҷиноят содир шудааст, ки нисбат ба дигар ҷиноятҳо дар авҷи аъло ба назар мерасад. Манбаи хатари калонаш дар ин аст, ки аз ин шумораи ҷиноятҳо дар шаш моҳ 413 нафар ба ҳалокат расидааст, 217 нафар ба саломатиаш ҷароҳати вазнин ва 721 нафар зарари миёна ба саломатӣ бардоштааст.

Аз ин лиҳоз, мушкилоти бехатарии ҳаракат дар роҳ бояд дар доираи назари ҷомеа бошад.

Дар илми криминалистика ба масъалаи баррасии консепсияи бехатарии ҳаракати роҳ аҳаммияти нокифоя дода шудааст. Барои ҳалли ин масъала пеш аз ҳама ҷанбаи аз ҷиҳати методологӣ муҳимро ба назар гирифтан лозим аст.

Аввалан ба зарурияти баррасии бехатарии роҳ ҳамчун як ҳодисаи нисбатан мустақил бо тамоми хусусиятҳо, унсурҳо ва робитаҳои дохилӣ. Баъдан ба масъалаи омӯзиши криминалистии бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳамчун низом ва инъикоси он, муайян кардани робитаҳои табиии он бо ҷойи ҳодиса, ҳолатҳои тафтишӣ ва дигар ҷузъҳо алоқаманд аст»

Муаллиф дар доираи боби мазкур, инчунин раванди такмил додани тафтиши ҷинояти мазкур пайгирӣ намуд, санадҳои дахлдори дар ин самт қабулшударо мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар ин боб, инчунин масъалаҳои тавсифи криминалистии ин ҷиноятҳоро таҳлил кардааст, ки якчанд унсурҳои таркибиро доро мебошад, ки дар тафтиши ин ҷиноят бояд баррасӣ гарданд: маълумоти зарурӣ дар бораи тарзи содир шудани вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва механизми содиршавии ҷиноят; шахсияти ҷиноятkор (ронанда), шахсияти ҷабрдида, предмети суиқасди ҷиноят, механизми бавуҷудоии пайҳо дар натиҷаи содиршавии ҷиноят, вазъияти содиршавии ҷиноят.

Ба андешаи муаллиф тавсифоти криминалистии ҷиноятҳое, ки бо вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ алоқамананд, ин низоми мураккаби маълумоти умумӣ ва гурӯҳӣ мебошад. Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо дар шакли ҳаракат (беҳаракатӣ) ба вуҷуд омада, бо зиёд кардани суръати муқарраршуда, ба хатти пеши роҳ баромадан, ба аломатҳои роҳ эътибор надодан ва ғайра ифода карда мешавад.

Механизмҳои содиршавии ҷиноятҳое, ки бо вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ робита доранд, барои дарки хусусиятҳои криминалистии онҳо аҳаммияти асосӣ доранд. Механизми пайдоиши чунин ҳодисаҳо низоми динамикии амали якҷояи нақлиёт ва шаҳрвандон дар муҳити моддӣ (физикӣ, биологӣ ва ғайра) мебошад. Барои дарки амиқи ин ҳодисаҳо, муҳокима кардани сохтори механизми ҳаракати нақлиёт аз нигоҳи криминалистика зарур аст. Механизми содиршавии ҷиноят ҳамчун як низоми мураккаби динамикӣ фаҳмида мешавад, ки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ҷиноятиро дар бар мегирад: субъекти ҷиноят, муносибати ӯ ба кирдори содиршуда, оқибатҳои он ва иштирокчиёни дигар, тарзи содир намудани ҷиноят, мақсади содиршавӣ, одобу рафтори одамони тасодуфан иштироккунанда, ҳолатҳое, ки ба содиршавии ҷиноят мусоидат ё монеъ мешаванд ва алоқаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат, инчунин байни иштирокчиёни ҳодиса.

Барои тавсифи криминалистии ҷиноятҳое, ки ба вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт рабт доранд, маълумот дар бораи механизми содиршавии ҷиноят бо иштироки шахсоне, ки воситаи нақлиёти шахсиро идора мекунанд, аҳаммияти калон дорад. Аҳаммияти тавсифи криминалистии ҷиноятҳои нақлиётӣ ҳам барои илм ва ҳам барои низоми таъмини криминалистии тафтиши онҳо, инчунин барои ташкили роҳҳои асосии таҳқиқи ин ҳодисаҳо, муҳим мебошанд.

**Боби дуюми** ин таҳқиқот – **«Асосҳои ташкилӣ ва банақшагирии тафтишии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»,** ба таҳлили хусусиятҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ташкили тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин вазъиятҳои намунавии тафтишӣ ва банақшагирии тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бахшида шудааст.

Муаллиф дар доираи ин боб ба хулосае омадааст, ки ҳангоми қабули

қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ, бояд муайян карда шавад, ки оё ронанда дар вақти содир кардани ҷиноят дар ҳолати мастӣ қарор надоштааст. Зеро Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар ҳолати мастӣ рондани воситаи нақлиётро манъ мекунанд. Ғайр аз ин, муайян шудани далели мазкур хусусиятҳои рафтори ронандаи воситаи нақлиётро мушаххас мекунад.

Мушкилотҳо вобаста ба тафтиши парвандаҳои самти мазкур асосан дар вақтҳое пайдо мешавад, ки садамаи нақлиётӣ берун аз шаҳр ба вуқуъ меояд. Баъзан ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиётро аз садамаҳои нақлиётӣ фарқ кардан душвор аст. Аз ҷумла, вақте ки ҷабрдида ҷароҳати вазниниаш миёна бардорад, онро дар марҳилаи ибтидоӣ аз осеби вазнини ҷисмонӣ фарқ кардан душвор аст. Хулосаи тахминиро дар бораи мавҷудияти аломатҳои ҷиноят дар чунин ҳолатҳо танҳо пас аз табобати дахлдор баровардан мумкин аст, ки дар муассисаҳои тиббии деҳот метавонад беасос ба таъхир афтад.

Ҳолатҳои мазкур баъзан вақт муфаттишро водор мекунанд, ки ҳам дар бораи оғоз ва ҳам рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба садамаи нақлиётӣ қарори беасос қабул кунад.

Дар ҳолати вуҷуд доштани ҷабрдидагоне, ки дараҷаи вазнинии ҷароҳатҳои онҳо (миёна ё вазнин) дақиқ нест, гузарондани шаҳодатикунонии судӣ-тиббӣ зарур дониста мешавад. Аммо, ин раванд ба сабаби номуайянии ҷараёни табобат, бахусус дар беморхонаҳои деҳот мумкин аст ба таъхир гузошта шавад.

Дар марҳилаи ибтидоии тафтиш чор гурӯҳи ҳолатҳои маъмулии тафтиши ибтидоӣ фарқ карда мешаванд.

Гурӯҳи аввал ҳолатҳое мебошанд, ки ронанда, воситаи нақлиёт ва ҷабрдида дар ҷойи ҳодиса ҳузур доранд, ё агар онҳо бо сабабҳои муайян, аз қабили расонидани ҷабрдида ба муассисаи тиббӣ аз ҷониби ронанда, дар ҷойи ҳодиса набошанд, иттилооти дақиқ дар бораи онҳо мавҷуд аст.

Гурӯҳи дуюм ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки ҷабрдида дар ҷойи ҳодиса ҳузур дорад, аммо ронанда ва воситаи нақлиёт ғайбзада буда, иттилоот дар бораи онҳо вуҷуд надорад.

Гурӯҳи сеюм ҳолатҳое мебошад, ки дар онҳо ҷабрдида ва воситаи нақлиёт дар ҷойи ҳодиса ҳузур доранд, аммо ронандаи воситаи нақлиёт дар маҳал ҳозир нест.

Ба гурӯҳи чоруми ҳолатҳо дар ҷойи ҳодиса набудани ронанда, воситаи нақлиёт ва ҷабрдида дохил мешаванд

Дар боби 3-юми муаллиф тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро бо паҳлуҳои хусусиятҳои тактикии амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар тафтиши ва таъйин намудани экспертизаи судӣ баррасӣ кардааст.

Яке аз амалҳои тафтишие, ки дар тафтиши ин ҷиноятҳо гузарониданаш зарур аст, ин азназаргузаронии ҷойи ҳодиса мебошад. Дар ин ҷиноятҳо муфаттиш дар рафти азназаргузарони вазифаҳои зеринро доро аст: а)хабарро дар бораи садамаи нақлиётӣ қабул карда, аниқ намояд, ки чӣ тавр садамаи нақлиётӣ ва дар куҷо ба амал омадааст ва дар бораи ҳифзи вазъияти он чораҳо андешад; б) огоҳ кардани шахсоне, ки муҳофизати ҷойи ҳодисаро ташкил кардаанд (кормандони БДА, нозирони роҳ, нозирони минтақавӣ ва ғ.). Инчунин шоҳидонро муқаррар намоянд, чунки нишондодҳои онҳо пеш аз оғози азназаргузаронӣ муҳим мебошанд; в) дастур диҳад, ки ба ҷабрдидагон ёрӣ расонида шавад; г) муқаррар намояд, ки кормандони БДА ва милитсия барои боздошти шахсони гумонбаршуда ва пешгирии оқибатҳои ҳодисаи нақлиётӣ чораҳо андешидаанд ё не; д) муқаррар кардани ҳолати оперативӣ дар ин мавзеъ ҷой дошта метавонад ё не; е) санҷидани омодагии ҷомадони тафтишӣ, дастгоҳи аксбардорӣ ва дигар воситаҳо, ки дар рафти азназаргузаронӣ истифода мешаванд ва ҳатто таъмини амнияти ҷойи ҳодиса; ё) даъват кардани мутахассисон ва шахсони холис ба ҷойи садамаи нақлиётӣ.

Пеш аз сафар ба ҷойи ҳодиса дар ин ҷиноятҳо муфаттиш бояд: а) маълумоти воридшуда ба шуъбаи минтақавии милитсия аз ҷониби нозирони БДА-ро дақиқ ва муфассал баррасӣ намояд ва шароити содир шудани ҷиноятро, ки дар доираи он корҳои тафтишӣ сурат мегиранд, равшан созад; б) ба навбатдори қисми оперативӣ (корманди оперативии навбатдор) оид ба андешидани чораҳо ҷиҳати ҳифзи ҷойи ҳодиса дастуру супоришҳо диҳад. (Ҳатто ба кормандони БДА, ки аллакай дар ҷойи ҳодиса қарор доранд, барои таъмини ҳифзи он дастур диҳад); в) ҳайати гурӯҳи тафтишию оперативиро муайян намояд. Дар ин паҳлуи баррасишуда муаллиф пешниҳод дорад, ки дар марҳилаи азназаргузаронии умумӣ бояд нақшаи садамаи нақлиётӣ таҳия шавад, ки андозаи роҳ, воситаҳои нақлиёт, ҷасадҳо ва дигар ашёро нишон диҳад. Дар ин марҳила муфаттиш бояд шароити роҳ, аз ҷумла паҳноӣ, таъйинот, намуди сатҳи роҳ (асфалт, шағал, хок ва ғайра) ва ҳолати қисми мошингарди роҳро ба таври дақиқ сабт кунад.

Дигар амали тафтишӣ дар тафтиши ин ҷиноятҳо азназаргузаронии воситаҳои нақлиёт мебошад. Азназаргузаронии воситаи нақлиёт барои муайян кардани шахси гунаҳгор аҳаммияти хосса дорад. Бо сабаби он ки ронанда ва воситаи нақлиёт иртиботи доимӣ доранд, ҳангоми азназаргузаронии воситаи нақлиёт метавон якчанд пайҳоро муайян кард, ки ба ронанда тааллуқ доранд ва шахсияти онҳоро муайян мекунад.

Азназаргузаронии воситаи нақлиёт бо мақсади муайян кардани пайҳои ҳангоми садама бавуҷудомада, барқарор кардани механизми садама, муайян кардани ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт ва ғайра гузаронида мешавад.

Муаллиф ба он ақида омадааст, ки азназаргузаронӣ – ин равандест, ки дар он муфаттиш ҳама ҷузъиёт ва ҳолатҳои мошинро санҷида, сабт мекунад. Ин барои фаҳмидани сабаби садама ва муайян кардани шахси гунаҳкор кумак мекунад. Ҳангоми гузаронидани ин амали тафтишӣ

муфаттиш инҳоро пурра тафтиш мекунад: а) Намуди мошин ва модели он; б) Ҳолати берунии мошин, аз ҷумла харошидаҳо, шикастагӣ ва дигар аломатҳои осеб; в) Мавҷудияти бор ва чӣ гуна баста шудани он; г) Аломатҳои хоси садама, мисли пайҳои гузошташуда (масалан, нуқтаҳои зарба) ва нишонаҳои қабулкардашуда; д) Системаи тормоз ва идоракунӣ, ки кор мекунад ё не; е) Агар ронанда мошинро тарк карда бошад, пайҳои ангуштӣ ва нишонаҳои дигарро барои шинохти ӯ ҷамъ мекунанд.

Муҳиммияти азназаргузаронии воситаи нақлиёт дар он аст, ки муфаттиш метавонад, сабаби садамаро фаҳмад, баъзе маълумотро дар бораи ҳаракати мошин ва суръати он дастрас кунад, муайян кунад, ки кӣ мошинро рондааст.

Амали дигари тафтишӣ дар тафтиши ин гурӯҳи ҷиноятҳо тактикаи гузаронидани пурсиш мебошад. Пурсиш ҳамчун амали тафтишӣ раванде мебошад, ки дар доираи талаботи КМҶ ҶТ аз ҷониби мақомоти тафтиш барои дарёфти маълумоти зарурӣ анҷом дода мешавад. Дар ҷараёни он аз шахси пурсишшаванда маълумот дар бораи ҳолатҳо ва далелҳои ба ӯ маълум, ки барои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти муҳими исботнамоӣ доранд, гирифта мешавад. Муаллиф таҳлил кардааст, ки мақсади асосии пурсиш ба даст овардани шаҳодати пурра ва воқеӣ, инчунин муайян ва ошкор намудани нишонаҳои шаҳодати бардурӯғ мебошад.

Шахсонеро, ки дар раванди пурсиш вобаста ба навъи муносибати онҳо бо ҳодиса ширкат меварзанд, муаллиф ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудааст:

1. Онҳое, ки дар тартиб додани ҳуҷҷатҳои маъмурӣ оид ба вайрон қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, нисбати шахсе, ки бо ҷазои маъмурӣ дучор шудааст, иштирок мекунанд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: нозирони БДА, шахсони бетараф (шоҳидон), ҳамчунин кормандони тиббӣ;

2. Шахсонеро, ки дар воситаи нақлиёт қарор доранд, аз ҷумла ронанда ва мусофирон;

3. Дигар шахсоне, ки барои таҳқиқи парвандаи ҷиноятӣ маълумоти зарурӣ пешниҳод мекунанд, масалан, аъзои оила, ҳамсабақон, дӯстон, савдогарони маҳал ва ғайра.

Дар масъаллаи истифодаи донишҳои махсус бошад, муаллиф таҳлилҳои зиёд ва нав ба навро дар кори худ ҷой додааст. Донишҳои махсус – дониш ва малакаҳои касбӣ дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунармандӣ мебошанд, ки барои ҳалли масъалаҳое, ки ҳангоми тафтиш ва баррасии парвандаҳои мушаххас дар суд ба миён омадаанд, заруранд. Дар тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт донишҳои зиёди махсус дар шакли таъйини экспертиза истифода мешаванд. Ба монанди экспертизаи автотехникӣ, экспертизаи тиббӣ-судӣ, экспертизаи пайшиносӣ вобаста ба муайян кардани пайҳои воситаҳои нақлиёт ва ғайраҳо. Ошкор кардани ҳолати кор дар тафтиши ин ҷиноятҳо аввалиндараҷа аз таъйин ва гузаронидани экспертиза вобастагӣ дорад.

Тактикаи муайян кардани экспертизаи судӣ дар ошкор ва тафтиши ин ҷиноятҳо аз силсилаи қадамҳои зерин иборат аст:

1. Ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ барои гузаронидани экспертизаи судӣ, ки ин маълумот ҳангоми таҳқиқи ҷойи ҳодиса, ҳамчунин тавассути пурсиши иштирокчиён ва шоҳидон ба даст оварда мешавад;

2. Қабули қарор оид ба таъйини экспертизаи судии автотехникӣ ва амалӣ кардани он бо мақсади таҳлили экспертии маълумоти ҷамъшуда дар бораи механизми рух додани садамаи нақлиётӣ.

Дар натиҷаи баррасии ин зербоб муаллиф хулоса кардааст, ки ҳангоми қабули қарор дар бораи таъйини экспертиза муфаттишон аксар вақт хатоҳои тактикӣ мекунанд, ки инҳо метавонанд чунин бошанд:

1. Маводи парвандаи ҷиноятиро пурра ба эксперт мефиристанд ва

ба ӯ иҷозат медиҳанд, ки мустақилона маълумоти заруриро дар онҳо ҷустуҷӯ кунад, ки бо талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ мувофиқ нест.

2. Дар таҳияи саволҳо барои эксперт тамоюли «айбдоркунанда» ҷой дорад, яъне муфаттишон танҳо як фарзияро тафтиш мекунанд – содир шудани ҷиноят бо айби ронанда, дар ҳоле ки фарзияҳои дигар, монанди бегуноҳии ӯ ё таъсири амали дигар иштирокчиёни ҳаракат ба оқибатҳои садама, ё ба дархости тарафҳои ҳимоя санҷида намешаванд.

3. Саволҳое пешниҳод мешаванд, ки ба аниқ кардани он ки кадом қоидаҳои ҳаракат ронанда вайрон кардааст равона шудаанд, мисли: «Оё амалҳои иштирокчиён ба қоидаҳои бехатарии ҳаракат мувофиқат мекунанд?» ё «Оё муносибати сабабӣ-натиҷавӣ байни амалҳои иштирокчиён ва садама вуҷуд дорад?»

4. Шумораи зиёди саволҳо, ки вақти экспертро мегиранд, вале маълумоти муфид ба парванда намеафзоянд.

Хулоса аз 10 банди аҳаммияти назариявидошта ва 7 банди аҳамияти амалидошта иборат мебошад.

Дар хулоси таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои тафтишии вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ зарурати такмил додан пешниҳод гардиданд. Хулосаҳои таҳқиқот заминаи назариявию амалиро барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фароҳам оварда ва ба беҳтар шудани сатҳи ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат намуда метавонанд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар кори мазкур бештар муаллиф ба пешниҳодҳое такя кардааст, ки танҳо аз хусусиятҳои тактикии тафиши ин ҷиноятҳо шаҳодат медиҳанд.

Аммо муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ кам дида мешавад. Ба фикри мо, гарчанде паҳлуҳои баррасишаванда дар кори мазкур ҷанбаҳои криминалистӣ доранд, вале хуб мешуд, ки коркард ва пешниҳодҳо ба қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятиро низ дар бар мегирифт. Зеро дар тафтиши ин ҷиноятҳо истифодаи илми криминалистика бе илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ғайриимкон аст.

2. Муаллиф дар кори худ бештар аз адабиётҳои хориҷӣ истифода намудааст. Рушди илми криминалистикаи ватанӣ дар ин ҷода низ хуб ба чашм мерасад. Олимон ба монанди С. Ҳалимов, А. Усмонов, А.Назаров, З.Ямоқова ва дигарон дар ин самт хуб кор кардаанд. Ба андешаи мо диссертант бештар ба омӯзиши адабиётҳои ватанӣ рӯ орад. Зеро таҳқиқоти олимони номбурда бо дарназардошти қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятии ватанӣ дида мешавад. Ғайр аз ин истифодаи ин адабиётҳо ба пешниҳодҳои хусусияти амалӣ ва назариявӣ ба диссертант замиинаи мусоид фароҳам меовард.

3. Дар рисола ҳангоми таҳлили намудҳои экспертизае, ки дар тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ муаллиф ба паҳлуҳои асосии кор ба монанди “масъаллаҳое, ки дар назди эксперт бояд гузошта ва ҳал карда шаванд” “муайян кардани андозаи зарари аз ҷиноят расонидашуда” “намудҳои пурраи экспертизае, ки дар тафтиши ин ҷиноятҳо бояд таъин карда шаванд” диққати ҷиддӣ надодааст. Ҳоло он ки ин паҳлуҳо барои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои мазкур, муайян кардани бандубасти ҷиноят, вазъи ҳуқуқӣ-мурофиавии иштирокчиёни ин ҷиноят (ҷинояткорон ва ҷабрдидагон), сабабҳои асосии содиршавии ин ҷиноятҳо аҳамияти махсус дорад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ҳамзамон диссертатсияи

Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамоянд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Мукарриз:**
**доктори илмхои хукукшиносї,**
**профессор, сардори кафедраи криминалистика**
**ва экспертизаи судии**
**Академияи хифзи хукуки**
**Чумхурии Узбекистон** **Астанов И.Р.**

ILMIY MARKAZ

**Имзои Астанов И.Р.-ро тасдик мекунам:**
**Шубаи кадро**
**Академияи хифзи хукуки**
**Чумхурии Узбекистон** **Холматов М.**

KADRLAR BO'LIMI

**Суроға:** Ҷумҳурии Узбекистон, ш. Тошкент,
н.Миробод, куч. Шарисабз, 42,
Факс/ телефон +(998)712020496
E-mail: info@proaademy.uz

12. 05. 2026.